*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: 734064, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14)*

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ризозода Тӯра Раббим ба диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия» ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад: 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ, 10.2. Проблемаҳои таъмини заминаҳои ниҳодии рушди бахши бонкӣ ва иртиботи мутақобилаи он бо Бонки миллии Тоҷикистон, 10.3. Проблемаҳои таъмини ҳамоҳангии макросиёсат ва микроравиши пулию қарзӣ ва бонкӣ нисбат ба рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10.4. Мушкилоти таъмини сиёсати мутавозини бонкӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, қарздиҳӣ ва ташаккули дороиҳои ғайрифаъоли бонкӣ дар ҳамаи бахшҳои сарчашмаҳо ва захираҳо, 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он, 10.7. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо бо иштироки давлат, бонкҳо бо иштироки хориҷиён, инчунин бонкҳои минтақавӣ, 10.12. Такмили низоми идоракунии хавфҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10.16. Системаи мониторинг ва ояндабинии хавфҳои бонкӣ, 10.18. Проблемаҳои мувофиқсозии ташаккул ва инкишофи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Қайд кардан зарур аст, ки масъалаҳои дар рисола баррасигардида пурра бандҳои дар боло овардашудаи Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-ро дар бар мегирад.

## 2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Таъмини рушди устувор ва мунтазами низоми бонкӣ бо роҳи муайян ва татбиқи самтҳои асосии такмили минбаъдаи роҳу равишҳои сиёсати макропруденсиалӣ имконпазир мебошад. Зеро, таҳлилҳо гувоҳи он мебошанд, ки дар шароити муосир яке аз роҳҳои афзалиятноки танзим ва назорати молиявӣ, танзим ва назорати макропруденсиалӣ ба шумор меравад. Танзими макропруденсиалӣ маҷмуи чораҳои пешгирикунандаеро дар назар дорад, ки бахри коҳишдиҳии хатарҳои низомӣ дар бахши молиявӣ ва коҳишдиҳии эҳтимолияти буҳрони молиявӣ равона мегардад. Ин чораҳо ҷиҳати пешгирӣ ё кам кардани он хатарҳое, ки бо ҳузури шумораи зиёди иштирокчиёни ғайри қобили пардохт тавсиф мешавад ва баҳри нигоҳ доштани фаъолии он, дастгирии мақомоти эмиссионии кишвар (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон) ё нозирони эҳтиётӣ муҳим маҳсуб мегардад.

Дар шароити муосир, сиёсати макропруденсиалӣ дар самти татбиқи сиёсати пулию қарзии Бонки марказӣ ва танзим ва назорати микропруденсиалӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Чунки, сиёсати макропруденсиалӣ ба талаботҳои пруденсиалӣ такя карда, кафолат медиҳад, то ки бонкҳои алоҳида бо роҳи доштани сармоя ва пардохтпазирии кофӣ мустақилона бо таҳдидҳо мӯбориза бурда, уҳдадориҳои худро сари вақт иҷро намоянд. Аммо, вақте ки бахши молиявӣ ноустувории давриро аз сар мегузаронад ва тамоми иштирокчиёни бозор ба таври баробар бо таҳдидҳо дучор мешаванд, пас талаботҳои статсионарии микропруденсиалӣ метавонад нокифоя бошанд. Ин аст, ки дар шумораи зиёди таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ таъмини суботи молиявӣ ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳими кишвар, ки иҷроиши он аз фаъолияти муштараки Ҳукумати кишвар ва Бонки марказии он бо истифода аз механизмҳои макропруденсиалӣ вобастагӣ дорад, таҳия гардидааст.

Гузашта аз ин, аҳаммияти танзими макропруденсиалӣ дар низоми молия аз он иборат мебошад, ки тавассути механизмҳои макропруденсиалӣ устувории низоми молиявӣ таъмин гардида, дар маҷмуъ он инчунин ба коҳишёбии хавфҳои низомӣ мусоидат менамояд. Дар ин хусус, унвонҷӯ қайд намудааст, ки маҳз танзими дурусти механизмҳои макропруденсиалӣ дар низоми бонкӣ имконияти таъмин намудани суботи молиявии онро меафзояд. Суханҳои қайдгардида тақозо менамояд, ки асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси иқтисодиёти миллӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд.

Диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин ба таҳқиқи масъалаи мазкур равона шудааст, ки ҳам аз ин нуқтаи амалия ва ҳам аз нуқтаи назари

илми иқтисодиёт ҷолиби диққат, саривақтӣ ва аҳамияти баланди стратегӣ дошта мебошад.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертасия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Дар таҳқиқоти назариявӣ ва амалии диссертасия мувафақиятҳои илмии унвонҷӯ ҳамчун натиҷаи мухтасари навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллифиро дар бар мегирад, ки дар заминаи он муаллиф шакли фишурдаи таҳқиқоти илмии худро бо ҷамъбасти мушаххасоти он пешниҳод намудааст. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф дар асоснокнамоии ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии натиҷаҳои бадастовардашуда дар тақвияти механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ зоҳир мегардад ва ин ҷанбаҳоро ҳамчун муваффақиятҳои таҳқиқоти илмӣ ҳисоб намудан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, бахши навгониҳои илмии рисола таҳлили амиқи нақши сиёсати макропруденсиалӣ дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ, мавқеи институтсионалии Бонки миллии Тоҷикистонро дар арзёбии вазъи молиявии низоми бонкӣ, баррасии натиҷаҳои таъсири бӯҳронҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ ба суботи молиявии низоми бонкии кишвар, стресс-тестҳо ва тартиби гузаронидани онҳо дар низоми фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар, раванди фаъолияти ниҳодҳои танзимкунандаи макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ ва дигар нишондиҳандаҳои ба тақвияти механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ алоқаманд, ки аз ҷониби муаллиф коркарду пешниҳод гардидаанд, масъалаи асосӣ мебошанд ва ба ҳайси навгониҳои илмӣ баромад менамоянд:

- Муаллиф дар рисолаи илмӣ моҳияти иқтисодии танзими макропруденсиалиро бо истифода аз ақидаҳо ва назарияҳои илмии соҳавӣ, ба монанди: танзими макропруденсиалӣ ҳамчун маҷмуаи ҷамъи тадбирҳо баҳри коҳиш додани хавфҳои умумисистемавӣ дар низоми молиявӣ, суботи молиявӣ ҳамчун омили зарурӣ барои фаъолияти мӯътадили низоми бонкӣ арзёбӣ намудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот, муааллиф тавонистааст, ки ақидаи худро оид ба сиёсати макропруденсиалӣ таҳия намояд. Тибқи он, сиёсати макропруденсиалӣ ба таъмини суботи молиявӣ равона шуда, ҳолатеро дар назар дорад, ки тамоми бахшҳои муҳимми низоми молиявӣ (аз бозорҳо ва ташкилотҳо то сохторҳои он) бо ҳамоҳангӣ ва устуворӣ фаъолият намуда, қобилияти муқобилият бо шокҳои беруна ва хавфҳои системавиро дошта маънидод карда шудааст, ки дар бароп ғанӣ гардонидани назарияи молия мусоидат менамояд.

- Дар рисола нақши сиёсати макропруденсиалӣ ҷиҳати таъмини суботи молиявӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ мушаххас шуда, механизмҳо, воситаҳо ва таъсири сохтори сиёсати мазкур ба низоми молиявӣ, бонкӣ ва макроиқтисодӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, бо роҳи таҳқиқи механизми танзими макропруденсиалӣ ва хавфи системавии он мушаххас гардид, ки ҷиҳати таъмини суботи молиявии бонкҳо зарур аст то дигар навъи хавфҳо низ, аз қабили хавфҳои қарзӣ, амалиётӣ, бозоргирӣ ва ғайраҳо ҳамчун унсури муҳими мехнанизми мазкур ба инобат гирифта шаванд.

- Дар доираи таҳқиқот нақши Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар институтҳои макропруденсиалӣ дар самти нигоҳдории суботи молиявии низоми бонкӣ мушаххас гардидааст. Илова ба ин, вазъи муосири танзими макропруденсиалӣ баррасӣ шуда, ҷой доштани масъалаҳои мушаххаси ҳалталаб дар он, аз қабили нишондиҳандаҳои методологии истифодашаванда аз ҷониби ниҳоди танзимкунандаи макропруденсиалӣ муайян гардида, баҳри ҳалли масоили марута гузариши низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандартҳои Базели III тавсия гардидааст. Ба ақидаи мо тавсияи мазкур низ аҳамияти муҳими илмии худро дорад.

- Муаллифи рисола бо ҳисоби таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, механизмҳои самараноки онро дар самти танзими институтсионалии макропруденсиалӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда, шарҳ додааст, ки бо тақвияти фаъолияти ниҳодҳои танзимкунандаи макропруденсиалӣ, суботи молиявӣ дар низоми бонкии кишвар ба натиҷаҳои мусбӣ ноил мегардад.

- Баҳри мушаххаснамоии вазъи муосири суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолати молиявии низоми бонкӣ аз нигоҳи ташкилотҳои қарзии низомсоз (ба мисли: КВД БА ҶТ «Амонатбонк», ҶСК «Бонки Эсхата» ва ҶСК «Ориёнбонк») ва эҳтимолӣ (монанди: ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» ва ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл») мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта, ҷой доштани тамоюли гуногун дар нишондиҳандаҳои молиявии онҳо ва таъсири омилҳои гуногун (аз сиёсати дохилӣ то вазъи иқтисодии кишвар) ба нишондиҳандаҳои мазкур ошкор шудааст.

- Бо омӯзиши вазъи муосири низоми бонкӣ дараҷаи таъсири бухронҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ ба сатҳи суботи молиявии он баррасӣ гардида, тағйиротҳои назаррасӣ ҷойдошта ошкор гардидааст. Гузашта аз ин, мушаххас шудааст, ки бухронҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ ба низоми бонкӣ ҷиҳатҳои мусбат ва манфии худро доро мебошад. Ҳамзамон, таҳия гардидааст, ки маҳз ҷой доштани хусусияти гуногуншаклӣ дар муносибатҳои

иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон, ба низоми бонкии кишвар имкон медиҳад то дараҷаи таъсири манфии бӯҳронҳо ва таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ коҳиш дода шавад.

- Дар диссертатсия тартиби гузаронидани фишорсанҷишҳо барои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия гардида, ошкор шудааст, ки бо ёрии онҳо тартиби мушаххаснамоии шокҳо дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла бонкҳои низомсоз, ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ дуруст муайян ва роҳҳои афзалиятноки бартарафсозии онҳо тавсия шудааст.

- Муаллиф нақши сохтори танзимкунандаи макропруденсиалиро ҷиҳати татбиқи самараноки механизми танзими макропруденсиалӣ баланд арзёбӣ намуда, дар ин ҷода сохтори нави ниҳодҳои танзимкунандаи макропруденсиалиро бо мақсади баланд бардоштани самаранокии раванди таъмини субoти молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудааст. Илова ба ин, дар доираи ислоҳот мазкур татбиқи буфери сармоявӣ низ барои ташкилотҳои қарзии муқаррарӣ ва низомсоз ҳамчун омили муҳим пешбинӣ шудааст. Дар доираи ин, афзоишёбии ҳаҷми сармояи базавӣ нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда мушаххас карда шудааст. Инчунин, бо мақсади мусоидат ба таъмини субoти молиявии дарозмуддат, барои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040 аз ҷониби муаллиф модели рушди макропруденсиалӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст, ки боиси таваҷҷуҳ мебошад.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳамияти илмӣ ва амалии рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Икромӣ Фазлиддин Нуриддин ба он асос меёбад, ки коркардҳо ва таҳқиқотҳои назариявӣ ва методии олимони дохилию хориҷӣ аз тарафи муаллиф баррасӣ гардидаанд ва дар ин бахш вазифаҳо ва чораҳои мувофиқ барои такмили механизми танзими макропруденсиалии субoти молиявии низоми бонкӣ ва дигар тафсирҳои ба ин баробар мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифта, ҳамчун натиҷа механизмҳо, фишангҳои назоратӣ ва дигар воситаҳои таъминкунандаи субoти молиявии макропруденсиалӣ дар низоми бонкӣ ва ҷанбаҳои мутобиқшавии онҳо ба рушди устувори иқтисоди миллӣ муайян ва пешниҳод намудааст. Дар ин замина, бо имкониятҳои нави илмӣ ва амалии мавҷуда, муаллиф ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Илова ба ин, дар қисмати асосҳои амалии таҳқиқоти илмӣ заминаҳои такмили механизми танзими макропруденсиалии субoти молиявии низоми бонкӣ бо

ҳисоби сохтори фаъолияти институтҳои макропруденсиалӣ ва мавқеи институтсионалии Бонки миллии Тоҷикистон дар таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ аз тарафи муаллиф таҳлилу баррасӣ гардида, дар ин самт, муаллиф тавассути маълумотҳои оморӣ ва сомонаҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии низомсоз ва эҳтимолӣ корбарӣ намудааст, ки мувофиқи мақсад мебошад. Дар баррасӣ ва асосноккунии масъалаи мазкур уновонҷӯ дар боби якуми рисолаи илмӣ дар 3 зербоб (саҳ. 19-96) таҳқиқоти илмӣ гузаронида, ҷанбаҳои назариявии ин масъала ва методологияи танзими макропруденсиалии суботи молиявиро дар низоми бонкӣ зери таҳқиқ қарор додааст. Илова бар ин дар боби 2-юм, 3-юм, 4-ум ва 5-уми рисолаи илмии худ муаллиф ҷанбаҳои амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии асосии диссертатсияро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст, ки бандҳои зерини тақризи мазкурро пурра инъикос менамояд (саҳ. 97-347). Зеро аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз коркарди тавсияҳои мушаххас оид ба танзими макропруденсиалӣ ва такмили механизмҳои он ҷиҳати таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ иборат мебошад.

## 5. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот

Муаллифи рисола дар таҳия ва татбиқи чораҳо ҷиҳати баррасӣ ва таҳқиқи дурусти диссертатсия як қатор меъёрҳои илман асоснокро риоя намудааст: таҳия ва баррасии мавзуи илмӣ, арзёбӣ ва баҳодиҳии сатҳи мубрам будани мавзуи таҳқиқот, мақсадгузорӣ ва вазифагузорӣ дар ҷараёни дурусти таҳқиқот, инчунин, интишорҳо ва дигар пешниҳодҳо аз тарафи муаллиф истифода гардидааст, ки ин масъала мавқеи муаллифро дар баррасӣ ва арзёбии мавзуи таҳқиқот дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд. Дар баробари ин, муаллиф дар самти баррасии танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ ва тақвияти механизми он як қатор коркардҳои мушаххаси мубрамро истифода намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

## 6. Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия

Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии рисолаи илмӣ вобаста ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, асосноккунии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки пурра фарогирии мавзуи баррасишаванда мебошад, ҳамчун натиҷа дар семинарҳо ва конфронсҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва байналмилалӣ дар солҳои 2020-2025 муҳокима шудаанд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот ва коркардҳои илмиро дар ҷараёни таълим ва

дигар таҳқиқотҳои илмӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст. Вобаста ба ин ҷанбаҳои амалишавии таҳқиқот, ки он натиҷаи таҳқиқоти илмии муаллифи рисола мебошад ба як қатор дастовардҳо ноил гардидааст. Қобили қайд аст, ки тибқи пешниҳодҳои муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро дар самти таълим дар муассисаҳои олии касбӣ ва ташкилотҳои соҳавӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

Гузашта аз ин, мавриди қайд аст, ки баҳои воқеӣ ва қаблии таҳқиқоти диссертасияи унвонҷӯ барои мушаххасоти ҷараёни пайдарпайии таҳқиқоти илмӣ ва даврабандии таҳқиқот вобаста ба нашри маводи илмӣ, дар мувофиқат бо самти мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 53 асари илмӣ, аз ҷумла 51 мақолаи илмиро ба табъ расонидааст, ки 28 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, интишор ёфтаанд.

**7. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**

Диссертатсияи илмӣ дар шакли муқаддима, панҷ боб, чордаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, он маҷмуъан дар ҳаҷми 473 саҳифаи матни компютерӣ, ки дар он 61 ҷадвал, 33 расм ва 30 диаграмма инъикос ёфтаанд, таҳия шудааст.

Унвонҷӯ Икромӣ Фазлиддин Нуриддин вобаста ба сатҳи фарогирӣ ва таҳқиқи мавзуи баррасишаванда ҷиҳатҳои татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертасионии худро дар бобҳо ва зербобҳои алоҳида, ки шарти зарурӣ мебошанд мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст, ки тафсири конкретии онро дуруст баҳогузорӣ намудан мумкин аст.

Унвонҷӯ дар **боби аввали** диссертатсия «Асосҳои методологии танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкӣ» моҳияти иқтисодии танзими макропруденсиалӣ, назарияи танзими чораҳои зиддибуҳронӣ, ҷанбаҳои субот ва устувории молиявии бонкӣ, тадбирҳои танзими макропруденсиалӣ дар раванди таъмини суботи низоми молиявӣ ва мавқеи сиёсати макропруденсиалиро дар низоми молиявӣ ҷиҳати таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор дода ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки чунин муваффақиятҳо натиҷаи заҳматҳои муаллифи рисолаи илмӣ мебошад. Дар ин боб ва зербобҳои алоҳидаи он, муаллифи рисолаи илмӣ тамоми масъалаҳои назариявии равандҳои танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ ва таъсири мусбии онро ба рушди иқтисодиёти миллӣ мавриди баррасии амиқ қарор додааст.

Ҳамчунин агар дар зербоби якуми боби аввали рисола муаллиф вобаста ба мушаххасоти назариявии танзими макропруденсиалӣ ва суботи молиявӣ нуктаи назари олимонро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода, вобаста ба ин андешаҳои худро оид ба мушаххасоти масъала ҳамчун натиҷаи иловагӣ манзур намудааст (саҳ. 23-30). Ҳамчунин дар зербоби дуюми боби аввал вобаста ба муайян намудани механизми танзими суботи молиявии макропруденсиалӣ дар низоми бонкӣ як қатор масоилҳои ба он алоқаманд, ба мисли: ҳадаф ва воситаҳои сиёсати макропруденсиалӣ, унсурҳои асосии арзёбии сатҳи суботи молиявӣ, механизми истифодаи фишангҳои сиёсати макропруденсиалӣ дар низоми бонкии кишвар, давраҳои қабули қарор бо принсипҳои он дар механизми фаъолияти танзими макропруденсиалии низоми бонкӣ ва ғайраҳо таҳқиқу баррасӣ гардида, дар ин асос муаллиф ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки нишондиҳандаҳои онро ба таври зарурӣ дар рисолаи илмӣ дидан мумкин аст (саҳ. 45-65).

Гузашта аз ин, муаллифи рисолаи илмӣ дар зербоби сеюми боби аввали рисола сиёсати макропруденсиалиро ҳамчун механизми муҳим дар самти таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ арзёбӣ намуда, ӯ дар ин самт ба таҳқиқи масоилҳои зерин диққати зарурӣ додааст: сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавқеи сиёсати макропруденсиалӣ дар он, бозори молиявӣ ва аҳаммияти он дар таъмини гардиши воситаҳои пулии низоми молиявӣ, нақши сиёсати макропруденсиалӣ дар тақвияти иқтисодиёти миллӣ, тағйирёбии вазъи нишондиҳандаҳои дастрасии молиявӣ ба низоми бонкии кишвар вобаста ба механзми танзими макропруденсиалии амалкунанда дар самти таъмини суботи молиявии кишвар ва ғайраҳо (саҳ. 66-96).

**Дар боби дуюм** бошад унвонҷӯ «Асосҳои институтсионалии танзими макропруденсиалӣ дар нигоҳдории суботи молиявии низоми бонкӣ» илова ба мушаххассозии сохтори институтҳои танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин мавқеи институтсионалии Бонки миллии Тоҷикистон дар ин сохтор мушаххас намудааст, ки дар ин самт муаллиф ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Қайд кардан зарур аст, ки муаллиф сохтори идоракунии институтсионалии Шурои миллии суботи молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, тартиби иҷроиши вазифаҳои онро дар ҳолати ҷорӣ, ҳолатҳои бухронӣ ва ё сар задани ҳодисаҳои ғайричашмдошт таҳия намудааст. Ҳамчунин, муаллиф тартиби фаъолияти як қатор сохторҳои таркибии БМТ-ро, аз қабили: Кумити суботи молиявии БМТ ва Кумитаи сиёсати пулию қарзии БМТ таҳқиқ намуда, саҳми онҳоро дар таҳия ва татбиқи сиёсати макропруденсиалии кишвар ошкор кардааст (саҳ. 97-116).

Ҳамзамон дар зербоби дуюм ва сеюми боби дуюми рисола муаллиф сараввал нақши БМТ-ро дар сохтори институтсионлии низоми бонкии кишвр бо роҳи таҳияи методологияи тартиби ҳисобкунии меъёрҳои мақбул дар низоми бонкӣ арзёбӣ ва сипас механизми истифодаи самтҳои афзалиятноки таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ (ба мисли: Британияи Кабир, Фаронса, Олмон, Малайзия, Африқои Ҷанубӣ, Ҳонконг, Ирландия, Зеландияи Нав ва ғайраҳо)-ро дар самти танзими институтсионалии макропруденсиалӣ дар низоми бонкии кишвар таҳқиқ намуда, ҳамзамон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст (саҳ. 116-177).

Дар **боби сеюми** рисолаи илмии муаллиф ба масъалаҳои асосии «Таҳлили вазъи молиявӣ ва арзёбии таъсири омилҳо ба раванди танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таваҷҷуҳ зоҳир гардида, раванди таҳлили вазъи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳбандӣ гардида, тамоюли тағйирёбии сохтори низоми бонкӣ ва нишондиҳандаҳои вазъи устувории молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давоми солҳои 2005-2024 таҳлил гардидааст. Масалан, муайян гардидааст, ки дороиҳои пардохтпазири низоми бонкӣ бо суръати муътадил рушд карда, аз 275,4 млн. сомонии соли 2005 то ба 18 915,5 млн. сомонӣ дар соли 2024 расидаанд. Дар зербоби дуюми боби сеюм, сараввал моҳияти 2 мафҳум, яъне «ташкилотҳои қарзии низомсоз» ва «ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ» аз нигоҳи иқтисодӣ ва хусусиятҳои муқоисавии онҳо баррасӣ гардида, як қатор нишондиҳандаҳои ба онҳо алоқаманд, ба мисли: меъёрҳои ҷамъбастии ташкилотҳои қарзии низомсоз ва эҳтимолӣ дар давоми солҳои 2019-2024, дастрасӣ ба зерсохторҳои молиявии ташкилотҳои қарзии низомсоз ва эҳтимолӣ дар солҳои 2019-2024, нишондиҳандаҳои вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии низомсоз ва эҳтимолӣ дар солҳои 2019-2024 ва ғайраҳо ва мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар зербоби сеюми боби сеюми рисолаи илмӣ муаллиф ба омилҳои муосири таъсиррасон ба суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, монанди: бухронҳои молиявӣ ва таҳримҳо диққати махсус дода, сабабҳои ба вуҷуд омадани бухронҳо ва андешидани таҳримҳоро муайян намудааст. Илова ба ин, аз нигоҳи муаллиф тағйирёбии вазъи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар дар шароити таъсири бухронҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ (аниқтараш, дар давоми солҳои 2007-2009, 2013-2015, 2019-2021 ва 2022-2024) мавриди таҳлил қарор дода шудааст (саҳ. 178-248).

Вобаста ба оне, ки дар шароити муосир ба вазъи низоми бонкӣ таъсири омилҳои гуногуни на танҳо дохила балки беруна низ назаррас мебошанд, пас дар рисолаи илмӣ гузаронидани стресс-тестҳо яке аз масоилҳои мубрам арзёбӣ мегардад.

Аз ин ҷост, ки муаллиф дар **боби чорум** «Масоили гузаронидани фишорсанҷишҳо (стресс-тестҳо) дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ин масъала диққати махсус зоҳир намуда, дар зербоби аввали ин боб ба таҳқиқи масъалаҳои зерин диққати ҷиддӣ додааст: муайянсозии моҳияти истилоҳи «стресс-тесткунӣ», сохтори усулҳо ва намудҳои стресс-тест, сенарияҳо ва моделҳои стресс-тесткунӣ, тағйирёбии нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давоми солҳои 2019-2024, вазъи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2019-2024, лаппиши нишондиҳандаҳои самаранокӣ, инфрасохторӣ ва молиявии ТҚМ ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо машғул шудааст. Дар зербоби дуюми боби чоруми рисолаи илмӣ вазъи стресс-тестҳо дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, ҷиҳати расидан ба ҳадафи гузоштаашуда, муаллиф ба арзёбии як қатор моделҳои нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла: арзёбии моделҳои нишондиҳандаи даромаднокии сармоя (ROE), нишондиҳандаи пардохтпазирии ҷорӣ (К2.1) дар бонкҳои тиҷоратӣ, нишондиҳандаи даромаднокии сармоя (ROE) дар фаъолияти ТАҚХ, нишондиҳандаи пардохтпазирии ҷорӣ (К2.1) дар фаъолияти ТАҚХ ва сенарияи таъсири шокҳои макроиқтисодиро ба нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва ТАҚХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул шудааст (саҳ. 249-281).

Дар **боби панчуми** рисолаи илмӣ муаллиф ба масоили «Самтҳои такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» диққати зарурӣ дода, дар ин асно дар зербоби аввал, тавсияҳо ҷиҳати такмили раванди фаъолияти ниҳодҳои танзимкунандаи макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ, аз ҷумла ба Шурои миллии суботи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳузури роҳбарияти олии давлатӣ дар Шуро, ҷалби мутахассисони сатҳи байналмилалӣ, роҳандозии низоми мониторинги хавфҳои молиявӣ ва таҳияи воситаҳои арзёбии устувории бозор ва ғайраҳо, ба Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон: тақвияти узвияти ТҚМ дар Ассотсиатсия, афзудани барномаҳои омӯзишӣ ва баланд бардоштани савияи касбии кормандони соҳа ва ғайраҳо таҳия шудааст. Дар зербоби дуюми боби панчум, масоили буфери сармоявӣ ва механизми татбиқи он дар рафти танзими сиёсати макропруденсиалӣ баррасӣ гардида, дар доираи он тавозуни нишондиҳандаҳои молиявии ТҚМ ва сохтори меъёрҳои буфери сармоявӣ дар ҳамбастагӣ бо меъёрҳои кифоятии сармоя, нақш ва аҳаммияти буферҳои сармоявӣ дар таъмини талаботи умумии сармояи ташкилотҳои қарзии молиявӣ, тарзи муайянсозии ҳаҷми

буфери контрсиклии сармоя дар асоси GAP-и «Қарз/ММД», арзёбӣ ва механизми татбиқи буфери контрсиклии сармоя дар ТҚМ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо мушаххас гардидааст. Ва дар зербоби ниҳоии бои панҷуми рисола бо роҳи таҳқиқи нишондиҳандаҳои молиявии ТҚМ-и ватанӣ, модели рушди макропруденсиалии суботи молиявии низоми ТҚМ-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро то давраи соли 2040 тарҳрезӣ намудааст (саҳ. 282-347).

**8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ дар як қатор маҷалаҳои илмии тақризшванда нашр гардиданд, ки давоми мантиқии кори анҷомгардида мебошад. Илова бар ин муқаррароти натиҷаҳои асосии диссертасия дар шакли 53 асари илмӣ, аз ҷумла 51 мақолаи илмӣ, ки 28 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Маҷмуан корҳои илмии интишоргардида тибқи талаботҳои мавҷуда мухтавои асосии паҳлуҳои гуногуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

**9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия**

Диссертатсияи унвонҷӯ дар заминаи муқаррароти низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот ва натиҷаҳои асосии он бо як қатор Стратегия ва барномаҳои муҳимми соҳавӣ ҳамбастагӣ дошта, муҳиммияти ин масъала ба банду бобҳои ҳуҷҷатҳои мазкур: «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026», «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» рост омада, ба бандҳои алоҳидаи ин ҳуҷҷатҳои муҳим мутобиқат менамояд.

Дар умум диссертатсия дорои моҳияти баланди илмӣ буда, ҳамаи масъалаҳои дар муқаддимаи рисола инъикосгардида пурра дар матни он аз тарафи унвонҷӯ Икромӣ Фазлиддин Нуриддин инъикос гардидаанд, ки пурра барои рушди илми ватанӣ мусоидкунанда мебошад. Илова бар ҳамаи дастоварду муваффақиятҳо гуфтан мумкин аст, ки дар бобҳои якум, дуюм,

сеюм, чорум, панҷум ва ҳамзамон дар хулоса, пешниҳодҳо ва замимаҳо, натиҷаҳои муваффақиятомези муаллифро мушоҳида намудан мумкин аст.

## 10. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертасионӣ

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, дар баъзе мавридҳо маҳз камбудию норасоиҳо ҳамчун омили пешбарандаи равандҳои корӣ арзёбӣ мегарданд, зеро онҳо метавонанд ба таҳким ва рушди ин ё он соҳаи муайян мусоидат намоянд. Дар соҳаи таҳқиқоти илмӣ низ чунин норасоиҳо аҳамияти хос дошта, ба такмили малака ва маҳорати таҳқиқотчӣ ҷиҳати бознигарӣ ва таҳлили амиқтари масъалаҳои муҳими соҳа замина фароҳам меоранд. Бо дарназардошти ин, зикр кардан бамаврид аст, ки дастовардҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дар доираи мавзуи интихобшуда ва дар шароити муосир дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд.

Ҳамзамон, дар рисола як чанд норасоиҳо ва камбудиҳо низ ҷой доранд, ки дар сурати ба эътибор гирифтани онҳо, имкони такмил ва ғанӣ гардонидани муҳтавои илмии рисола вуҷуд медошт. Камбудиҳои мазкур иборатанд аз:

1. Гарчанде дар диссертатсия заминаи назариявии танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ ба таври васеъ баррасӣ гардидааст, дар баъзе мавридҳо робитаи мантиқии байни мафҳумҳои назариявӣ ва натиҷаҳои таҳлили амалӣ ба таври кофӣ возеҳ инъикос наёфтааст. Беҳтар мегардид, агар муаллиф дар алоҳидагӣ ин нуктаҳоро шарҳ медод.

2. Дар қисми методологии таҳқиқот, гарчанде маҷмӯи васеи усулҳои илмӣ истифода шудааст, асосноккунии интихоби баъзе усулҳо ва маҳдудиятҳои татбиқи онҳо пурра шарҳ дода нашудаанд.

3. Таҳлили таҷрибаи байналмилалии татбиқи сиёсати макропруденсиалӣ асосан хусусияти тавсифӣ дошта, имкониятҳои мутобиқсозии самараноки он ба шароити хоси низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонистанд бо таҳлили муқоисавии амиқтар асоснок гарданд.

4. Дар матни диссертатсия шумораи зиёди ҷадвалҳо ва расмҳо оварда шудаанд (саҳ. 31 - расми 1.2, саҳ. 37 - расми 1.3, саҳ. 48 - ҷадвали 1.4, саҳ. 111 - расми 2.5 ва ғ.). Бо вуҷуди ин, муайян кардани саҳми мустақими муаллиф дар таҳлили онҳо душвор мебошад. Агар ҳар як қисмати алоҳидае, ки дар расмҳо оварда шудааст дар алоҳидагӣ таҳлили худро меёфт, сарбории илмии онҳо дар масалаи таҳқиқшаванда боз ҳам беҳтар мегардид, ки ин сифати кори илмиро баланд мебурд.

5. Ҳамоҳангсозии сиёсати макропруденсиалӣ бо сиёсати пулию қарзӣ ва сиёсати фискалӣ метавонист бо таҳлили системавӣ ва моделсозии мутақобилаи онҳо амиқтар мавриди омӯзиш қарор гирад.

6. Агар баъзе хулосаҳои назариявии пешниҳодшуда метавонистанд бо далелҳои оморӣ ва ҳисобҳои иловагӣ мустаҳкамтар гарданд, то ки эътимоднокии натиҷаҳо боз ҳам тақвият ёбад.

Эродҳои мазкур хосияти тавсиявӣ дошта, камбудиҳои дахлдор ба сифат ва арзиши илмии диссертатсия таъсири манфӣ надоранд.

**11. Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия**

Таҳқиқоти анҷомдодашударо чунин хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсия дар худ таркибу мундариҷа ва навгонии илмиро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамчунин, натиҷаи бадастовардаи муаллиф арзиши баланди илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии хизматрасониҳои бонкиро дар шароити муосир ифода менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бандҳои 32, 33, 34, 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти рақами 295 аз 26 июни соли 2023) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба робитаҳои**
**байналмилалии Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризозода Т. Р.**

Имзои Ризозода Тӯра Раббимро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**Корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Бобоев А. Х.**

**735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, 17 Микрорайон, Хонаи 1. Тел.: 927777735. E-mail: t_rizokulov@mail.ru**